Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ( 734061, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, ки аз тарафи давлат ба пуррагӣ идора карда намешавад, дар комплекси агросаноатӣ таназзул ёфтани таъминоти шуғли аҳолӣ ва кам гардидани даромаднокии аҳолии деҳот, ки дар натиҷа ба афзоиши сатҳи бекорӣ таъсир расонид, ба миён омад.

Аз ин сабаб набудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва хеле маҳдуд будани доираи шуғл дар дигар соҳаҳои иқтисодиёти деҳот, қисми зиёди аҳолии синну соли қобили меҳнати деҳот маҷбур шуданд, ки дар хоҷагиҳои шахсии ёрирасони камдаромад фаъолият намоянд. Боиси қайд аст, ки сабаби набудани системаи самарабахши танзими шуғли аҳолӣ дар ин гуна минтақаҳо ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамаи ин мушкилотҳо боиси дарёфти роҳҳои навъи таъмини аҳолии деҳот бо ҷойи корро ба миён овард. Аз ин лиҳоз мавзуи таҳқиқоти Абдуллозода Х.Х. дар мавзӯи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта самарабахш баҳогузорӣ мегардад.

Чи тавре, ки аз автореферати диссертатсия бар меояд, муаллиф дар рафти таҳлили мавзӯи мазкур ба ҷиҳати назариявӣ ва ҳам ба ҷиҳати амалии назар афкандааст. Алалхусус дар самти амалӣ аз ҷониби

муаллиф стратегияи таъмини аҳолии деҳот бо шуғлнокии алтернативӣ пешниҳод гардидааст.

Инчунин дар автореферат муаллиф пешниҳод менамояд, ки минбаъд барои рушди шуғлнокии алтернативӣ дар самтҳои зерин мусоидати давлат лозим аст:

– ташкили шуғлнокии алтернативӣ дар асоси таъсиси низоми грантии дастгирӣ ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба рушди соҳибкории хурд, ки барои таъмини шуғлнокии аҳолӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол равона шудаанд;

– аз рӯи лоиҳаҳо додани субсидияҳо барои истеҳсолкунандаҳои кишоварзии майдамолӣ (фермерҳо, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ), соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеии дар деҳот зиндагикунанда, ташкили фондҳои рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, кооперативҳои истеъмолкунандагони кишоварзӣ, Иттифоқи ҷамъияти матлуботи вилоят ва дигар шахсони ҳуқуқӣ;

– коркард ва амалисозии лоиҳаҳо оид ба ташкили ҷамъоварӣ ва аз нав коркард кардани маҳсулоти кишоварзӣ, сабзавот, меваҳои худрӯй, буттамеваҳо ва занбурӯғҳо аз аҳолӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳии деҳот, таъсис додани истеҳсолоти хизматрасонӣ дар деҳот (устохонаҳо, мағозаҳо, нонвойхонаҳо, сартарошхонаҳо, клиникаҳои байтории шахсӣ ва ғайраҳо);

– коркард ва амалисозии барномаҳои дастгирии иҷрои лоиҳаҳои микроқарзҳо дар деҳот.

Боиси қайд аст, ки ин чорабиниҳо боиси рушди шуғли алтернативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, ба рушди мамлакат мусоидат менамояд.

Вале, дар қатори бартариятҳои дар автореферат ҷойдошта кор аз камбудиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

1. Аз чониби муаллиф таҳлили омилҳои таъсиррасон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти шуғли алтернативӣ дар соҳаҳои

кишоварзии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи кам зоҳир гардидааст.

Дар маҷмуъ, кори илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Дар хулосаи ниҳоӣ бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) буда, муаллифи он Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос **08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат** мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии АИДНПЧТ Досиев М. Н.

имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПЧТ Насурдинзода А. Н.

*Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33. Тел: 918119648 (37) 224-17-86 info@apa.tj*

22.01.2026.